**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих)**

Бояд гуфт, ки татбиқ ва тарғиби осору афкори илмии ниёгони асримиёнагии форс-тоҷик, дар ҳақиқат, дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ нақши муҳиме дорад, зеро онҳо дар замони зиндагии худ дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми босазое гузоштаанд, ки чандин садсолаҳо дар соҳаҳои гуногуни илмҳои табииётшиносӣ, риёзиву ҷомеашиносӣ ва баъзан то замони мо таъсири муайян доранд. Аз ин нуктаи назар рисолаи диссертатсионии Махсумзода Н. Д. дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» аз рӯйи мазмуну мундариҷа, сохтору номгузории бобҳову зербобҳо ва хулосаву натиҷагириаш аз рӯйи автореферат маълум мегардад, ки бо тахассуси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) мувофиқати пурра дорад.

Дар бораи аҳамияту мубрамияти рисола муаллиф дуруст қайд кардааст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи осори ниёгони оламшумули тоҷикон дар таърихи илму техника дар шароити муосири Тоҷикистон аҳамияти хосса дорад. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои арҷгузорӣ ва омӯзишу тарғиби мероси илмии ниёгонамон аз қабили Имоми Аъзам, Имом Бухорӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ ва дигарон диққати махсус додаанд.

Махсумзода Н. Д. дар асоси принсипҳои таърихият, объективият ва мантиқи илмӣ факту рақамҳои бунёдиро ба даст оварда, саҳм ва нақши яке аз донишмандони овозадори форс-тоҷик Абубакр Муҳаммад Закариё ибни Яҳёи Розӣ (865-925)-ро натанҳо дар таърихи тамаддуни тоҷикон, балки дар таърихи тамаддуни исломӣ ва умумиҷаҳонӣ, ки мавқеи хосса дорад, хеле нишонрас мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз рӯйи мутолиаи автореферат бармеояд, ки муаллиф аз сарчашмаҳои муътамад ва таҳқиқоти мавҷудаи арзишманд хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти таърихӣ ҷамъбаст намудааст, ки ифодакунандаи эътимоднокии диссертатсия маҳсуб мегардад.

Нуктаи дигаре, ки дар асоси он месазад таҳқиқоти Махсумзода Н.Д.-ро мусбат ва комилан як пажӯҳишоти арзишманди таърихӣ дар риштаи таърихи

илму техника дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қаламдод кунем, ин навгониҳои бадастовардаи ӯ мебошад, ки дар панҷ банд мухтасару мушаххас ва ҳамзамон назаррас баён гардидааст.

Муаллифи диссертатсия комилан дуруст андешаронӣ дорад, ки маҳз давраи давлатдории Сомониён, ки фаъолияти пурамари Абубакри Розӣ дар он замон сипарӣ шудааст, дар таърих бо номи аввалин давлатдории тоҷикон ёд мешавад, давраи дастовардҳои этникӣ-маданӣ ва сиёсӣиҷтимоии халқи тоҷик дар заминаи таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ба амал омада, илм, санъат, техника ва ҳунарҳои гуногун пайдо шуда, рӯ ба инкишоф оварданд.

Хулоса, аз рӯйи автореферат баҳогузорӣ кардан мумкин аст, ки диссертатсия таҳқиқоти илмии дар худ анҷомдодашударо ифода мекунад, ки муаллиф онро ба дараҷаи кофӣ ва дар сатҳи баланд иҷро намудааст.

Ба андешаи мо рисолаи мавриди назар ба талаботи Низомнома оид ба тартиби додани унвони дараҷаи илмӣ ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Махсумзода Нигина Давлат сазовори ноил гардидан ба унвони номзади илмҳои таърих рӯйи ихтисоси 6.1.7. – Таърихи илм (таърих) мебошад.


Мудири кафедраи методикаи таълими таърих
ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омузгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, н.и.т., дотсент Исмоилов Ё.Ҳ.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121,
ДДОТ ба номи С. Айнӣ.
Тел: (+992) 987-66-54-55.
E-mail: info@tgpu.tg; www.tgpu.tj.
ydgor.ismoilov.@dk.ru


«Имзои н.и.т., Исмоилов Ё.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омузгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.М.

20.06.2026